# Имоми Аъзам (Абӯҳанифа)- шахсияти барчастаи олами Ислом

**Дар ин дунё фақир бошу гадо бош,**
**Дар ин дунё чу моҳи бесадо бош.**
**Вале ҳаргиз мабош дур аз ҳақиқат,**
**Ҳамеша такя бар гуфти Худо бош!**

Мероси таърихии фарзандони барӯманди миллатамон имрӯз низ барои худшиносии миллӣ, муаррифии тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ ва дар гуфтугӯи тамаддунҳо аҳамияти муҳим дорад. Шинохти ислом ва нақши тоҷикон дар он аз имкон берун аст. Аз ин ҷиҳат, исломро аз фарҳанги миллӣ ва фарҳанги миллиро аз ислом ҷудо на бояд ҳисобид.

Мо ифтихори дорем, ки бунёдгузори бузургтарин ва бонуфузтарин мазҳаб дар дини мубини ислом, фарзанди арҷманди халқи тоҷик Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам мебошад.

Таърихи дини ислом собит намудааст, ки дар шинохт ва маърифати фиқҳи исломӣ қариб ҳама ниёзманди мактаби Абӯҳанифа мебошанд.

Бешубҳа, бо туфайли кӯшишу заҳматҳо ва сиёсати созандагию бунёдкоронаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон миллати кӯҳанбунёд ва фарҳангофарини мо имконият пайдо намуд, ки ба таърих, адабиёт, фарҳанги гузашта ва нақши фарзандони барӯманди худ дар ғанӣ гардонидани арзишҳои миллӣ, аз ҷумла дар ташаккул ва густариши дини ислом ва таълимоти он, аз наздик шиносо шаванд.

Яке аз пешвоёни фиқҳи аҳли суннат, ки дар рушд ва ташаккули дини мубини ислом саҳми босазо дорад, Имом Абӯҳанифа мебошад. Барои мо шинохти чунин шахсияти камназир дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ ва инкишофи андешаи миллӣ аҳамияти бузурги ҳаётӣ ва байналмилалӣ дорад.
Имом Абӯҳанифа соли 80-ўми ҳиҷрӣ, мутобиқи соли 699 мелодӣ дар шаҳри Кӯфаи Ироқ, замони хилофати Абдумалик ибни Марвон чашм ба оламӣ ҳастӣ кушодааст. Сарчашмаҳо дар бораи ному насаб ва ҷойи таваллуди ӯ маълумотҳои ҳархела медиҳанд. Аксари сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки асли Имом Абӯҳанифа аз мулки Аҷам аст. Бештари маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки донишманди фақеҳи олирутба аз Кобул мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо қайд шудааст, ки бобои Абӯҳанифа – Зутиро арабҳо ҳангоми истилои Кобул асир гирифта, ба Ироқ бурдаанд. Дар ин ҷо Зутӣ дини исломро қабул карда, номашро Нӯъмон кардааст. Номи аслии Имоми Абӯҳанифа низ Нӯъмон, яъне ҳамноми бобояш мебошад.

Маънои исми Нӯъмон хун аст ва хун низоми бадани инсон мебошад. Аз ин рӯ, Имоми Аъзамро низомгари равони фиқҳ ва рӯҳи масъалаҳои зарурии динӣ ҳисобидаанд. Баъзеҳо гуфтаанд, ки маънои Нӯъмон лолаи сурх аст ва Имоми Аъзам дар гулистони фиқҳ ҳамчун гуле аз гулшани ислом мебошанд. Баъзеи уламо бар ақидаи онанд, ки Нӯъмон дар маънои неъмат аст. Яъне, Имоми Аъзам

аз тарафи Худои таъоло неъмати бебаҳоест барои халқ. Кунияти (тахаллуси) эшон Абӯҳанифа аз ду калима иборат аст, яъне Абӯ - падар ва Ҳанифа - майлкунандаю устувор дар ақидаи динӣ мебошад.

Давраи кӯдакӣ ва наврасии Абӯҳанифа дар шаҳри Кӯфа сипарӣ шудааст. Ӯ, ки дорои табъу завқ ва заковати фитрӣ дошт, дар синни хурдсолӣ ба омӯзиши илму адаб ва сарфу наҳви арабӣ машғул мешавад ва Қуръонро комилан аз ёд мекунад. Баъдан, ӯ ба касби бобоӣ - тиҷорат машғул шуда, вақти зиёдашро дар бозор мегузаронад. Касе набуд, ки ӯро барои такмили минбаъдаи илму дониш ҳидоят намояд. Рӯзе Абӯҳанифа бо Имом Шаъбӣ ном марди фозиле вомехӯрад. Ин марди хайрхоҳ фаросату фаҳмиши Абӯҳанифаро ҳангоми сӯҳбат пай бурда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки таҳсилу омӯзиши худро идома диҳад. Ҳамин сабаб мешавад, ки Абӯҳанифа бозорро тарк намуда, ба ҳавзаҳои илмии он замон дохил мешавад.

Ба зуддӣ дар зиндагии ӯ гардиши қатъӣ рух дод ва худро ба тамом ба омӯзиши улуми исломӣ бахшид. Ин замоне буд, ки аҳли илму маърифат дар маҳфилҳои хеш таҳқиқи каломро ба мавзӯи асосии баҳсу мунозираҳои қарор медоданд. Абӯҳанифа дар онҳо ширкати фаъол ва сухани қотеъи худро дошт.

Басра дар он замон маркази асосии майдонҳои баҳсу мунозираҳои фирқаҳои каломӣ маҳсуб мегардид. Абӯҳанифа ҷиҳати иштирок дар ин маҳфилҳо зиёда аз 20 дафъа ба Басра сафар намуда, ҳар дафъа беш аз як сол ба ин кашмакашиҳои каломӣ банд буд.

Он замон илми каломро аз ҳама улум бартарину беҳтарин медонистанд ва бахши умдаи осори ӯ низ мавзӯоти каломиро дар бар мегирад, ки онро усули дин меҳисобиданд.

Абӯҳанифа бо гузашти айём ба хулосае меояд, ки саҳобаю тобеин, ки илми каломро хуб медонистанд, ба ривоҷи он машғул нашуда, даст бо домани фиқҳ задаанд. Абӯҳанифа баъдан дар шаҳри Кӯфа бо фақеҳ ва илоҳиётшиноси машҳур – Ҳаммод ибни Сулаймон дӯстию шиносоӣ пайдо намуда, ҷиддан ба омӯзиши илми фиқҳ машғул мешавад. Ӯ дар муддати қариб 18 сол аз Ҳаммод ба дараҷае илмро аз худ мекунад, ки устодаш ӯро дар баробари худаш ҷой медиҳад. Ҳаммод ибни Сулаймон пеш аз маргаш такмил ва инкишоф додани фиқҳоро ба Абӯҳанифа васият менамояд. Дастпарвари дӯстдоштааш Абӯҳанифа баъди фавти устодаш даҳ соли дигар дар пайи омӯзиши илми фиқҳ камар баста, ба дараҷаи бузургтарин фақеҳи шаҳрҳои Кӯфаю Басра мерасад. Ба хотири гиромидошти устодаш Ҳаммод Абӯҳанифа номи писари худро Ҳаммод мегузорад.

Вақте ки дар Ироқ бар зидди охирин волии уммавӣ Ибни Ҳубайра шӯру ошӯб бархост, Ибни Ҳубайра ҳамаи фақеҳонро даъват намуда, ба ҳар яке мансаберо пешниҳод менамояд ва аз Абӯҳанифа дархост мекунад, ки дар дарбор мансаби мӯҳрдориро ба ӯҳда гирад, дар акси ҳол ҷазо хоҳад дод. Уламои фақеҳи Ироқ аз Абӯҳанифа хоҳиш менамоянд, ки ба хотири ба ғазаби волӣ гирифтор на-шудан аз ин вазифа даст накашад. Абӯҳанифа хоҳиши онҳоро рад намуда, амали худро чунин шарҳ медиҳад: Мабодо Ибни Ҳубайра нисбати қатли мусулмоне фармони ноҳақ барорад, маро лозим меояд, ки ба зери имзои ӯ мӯҳр гузорам ва қатли ноҳақ аз ҷумлаи гуноҳҳои кабира ба ҳисоб меравад. Аз ин хабар Ибни

Ҳубайра барошўфта мешавад ва фармон медиҳад, ки Абўҳанифаро ҳабс кунанд. Пас аз ду ҳафтаи дар ҳабс будан Абўҳанифа ба воситаи посбони зиндон аз волӣ хоҳиш менамояд, ки барои бо фақеҳони Ироқ маслиҳат кардан ўро аз зиндон озод кунад. Вақте ки ўро аз маҳбас озод мекунанд, вай ба шаҳри Макка ҳиҷрат мекунад. Дар ин айём Абўҳанифа қариб 50- сола буд. Дар давраи ҳиҷрати худ ў дар доираи олимони шаҳри Макка машғули омўзиш шуда, илми ҳадисро ба ҳадди аъло аз бар ва дар ин ҷода ангушнамои замони худ мешавад.

Пас аз кашмакашиҳои сиёсии соли 750 Аббосиён ба сари қудрат омада, Мансур халифа тайин мегардад. Абўҳанифа аз ин дигаргунӣ хушҳол шуда, ба Кўфа бармегардад ва мутаасифона мусибате, ки дар замони уммавиён рух дода буд, дар замони хулафои Аббосиён низ нисбати Абўҳанифа такрор мегардад.

Вақте ки қозии шаҳри Кўфа Абўлайло аз олам мегузарад, халифа Мансур ба Абўҳанифа амр мекунад, ки ин вазифаро ба дўш гирад. Абўҳанифа ин пешниҳодро рад мекунад ва халифа Мансур сари ғазаб ўро ба ҳабс маҳкум менамояд. Ҳангоми дар маҳбас будани Абўҳанифа халифа Мансур боз чандин маротиба ходимонашро ба назди ў мефиристад, ки вазифаи қозиюлқозоти хилофатро қабул кунад, аммо ў взифаро инкор мекунад. Қаҳру ѓазаби халифа Мансур дучанд гардида, амр мекунад, ки барои ин саркашиаш Абўҳанифаро ҳар рўз ба кўча бароварда даҳ тозиёна зананд ва дар зиндон бе обу нон нигоҳ доранд.

Билохира, хизматчиёни зиндон бо амри халифа ба ў ҷоми заҳрдорро пешниҳод мекунанд. Абўҳанифа ҷоми заҳрдорро намегирад ва маъмурон ўро ба пушт ғалтонда ҷоми заҳрро маҷбуран ба даҳони муборакаш мерезанд. Пас аз ин Имоми Аъзам аз ҷой бархоста, сар ба саҷда мениҳаду ҷон медиҳад, ки ин марги фоҷиабор ба соли 767 мелодӣ баробар буд.

Зиндагӣ охир ба гўрам мебарад,
Гар намехоҳам базурам мебарад.
Розию норозӣ дар чанги аҷал,
Чун уқобе роҳи дуррам мебарад!

Имоми Аъзам Абўҳанифа дар зиндагиаш нисбати аҳли илму донишмандон саховатҳои зиёде кардааст, ки дар он замон аҳён нафароне даст ба ин амали хайр мезаданд. Абўҳанифа дар тўли зиндагиаш зиёда аз 700 нафар шогирдонро тарбия намудааст, ки Абуюсуф ва Муҳаммади Шайбонӣ аз ҷумлаи шогирдони беҳтарину бовафояш буданд ва дар таълифоти худ ақидаҳои устодашонро умри ҷовидона бахшидаанд.

## НАҚЛУ ҚИССАҲО АЗ РЎЗГОРИ ИМОМИ АЪЗАМ[x)].

---

[x)] Равшанӣ, Ҳ., Наққош, И. Қиссаҳо аз рўзгори Имоми Аъзам [Матн].- Душанбе: Сафат, 2008.- С.140.

Дар мавриди зиндагӣ , бузургӣ  ва донишмандии соҳаҳои илми калому фиқҳ ва поягузории мазҳаби ҳанафии Имоми Аъзам дар сарчашмаҳо қиссаю ривоётҳои зиёде гирд овардаанд, ки намунаи чанде аз онҳоро пешкаши Шумо мегардонем.

**ҲАҚҚИ ҲАМСОЯГӢ**

Имом Абӯҳанифа ҳаққи ҳамсоягиро комилан риоят мекарданд. Ҳамсояе дошт, ки тамоми рӯз кор мекард ва ҳар чӣ  ба даст меовард, аз онҳо шаробу кабоб мехарид ва шабро бо дӯстонаш ба рақсу тарона мегузаронид. Ҳар чӣ  Имом Абӯҳанифа ӯро насиҳат мекард, аз ин феълаш боз намеомад.

Саранҷом рӯзе яке аз маъмурини интизомӣ  ӯро гирифта ба зиндон андохт. Чун Имом Абӯҳанифа шаб дид, ки ҳеҷ гуна садое аз манзилаш намеояд, аз мардум пурсид:

- Чӣ  хабар аст, ки имшаб аз манзили ин ҳамсоя ҳеҷ гуна садое ба гӯш намерасад?

Гуфтанд:

- Ӯро маъмурини низомӣ  гирифта зиндон карданд.

Имом Абӯҳанифа аз шунидани ин хабар бисёр парешон шуд, чунонки ҷиҳати илтиҷо пеши амири он шаҳр рафт. Чун ба доруламорат наздик шуд ва амир аз ташриффармоии ӯ иттилоъ ёфт, фавран ҷиҳати истиқболаш берун омад. Он вақт Имом Абӯҳанифа ҳадафи омадани худро иброз дошт. Вай дар посух гуфт:

- Чаро ба омадан худатро заҳмат додӣ ? Агар ҷиҳати амалӣ  кардани ин кор ходимеро мефиристодӣ  кофӣ  буд.

Баъдан амир дастур дод, ки ҳамсояи Имом Абӯҳанифаро бо дӯстонаш озод кунанд. Чун он ҷавон аз зиндон берун омад, фавран сари Имом Абӯҳанифаро бӯсид ва тавба кард.

**ПАНДИ КӮДАКЕ БА АБӮҲАНИФА**

Абӯҳанифа рӯзе мегузашт. Кӯдакеро дид дар гил монда, гуфт:

- Гӯш дор, то наяфтӣ .

Кӯдак гуфт:

- Афтодани ман саҳл аст. Агар биафтам, танҳо бошам, аммо ту гӯш дор, ки агар пои ту билағжад, ҳамаи мусалмонон, ки аз паси ту оянд, билағжанд ва бархостани ҳама душвор бувад.

Имомро аз заковати он кӯдак аҷаб омад ва дарҳол бигрист ва асҳобро гуфт:

- Зинҳор, агар шумо дар масъалае чизе зоҳир шавад ва далеле равшантар намоед, дар он пайравии маро макунед ва ба тақлиди ман зоҳири худро намонед.

Ва ин нишони камоли инсоф аст, то лоҷарам Абӯюсуф ва Муҳаммад басе қавлҳо доранд, дар масоили мухталиф.

## РИСОЛАИ ТОАТУ ИБОДАТ

Нақл аст, ки марде назди Имоми Аъзам омад ва гуфт:

- Мехоҳам ба ибодату тоат машғул шавам, аз барои ман рисолае бинавис, то ба он амал кунам.

Имом аз барои вай рисолае дар бораи хариду фурӯш навиштанд. Он мард гуфт:

- Ин рисола барои касоне даркор аст, ки ба тиҷорат машғуланд ва касеро, ки кори вай тоату ибодат ва зикру тасбеҳ бошад, ба ин рисолат ҳоҷат нест.

Имом фармуданд:

- Ҳеҷ касро аз таому либос харидан чора нест. Ва то тариқи ин корро надонад, хатари ҳаром хӯрдан дошта бошад. Ва агар дар хӯрданиву пӯшиданӣ ҳаром воқеъ гирад, тоату ибодати кардаат зоъе мешавад. Ва дар азоби охират гирифтор мегардӣ .

## ФОЗИЛОН ДАР СИТОИШИ ИМОМИ АЪЗАМ[x)]

Касе, ки аз назари таҳқиқ ба мутолиаи китоби Имоми Аъзам напардозад, фақеҳи ҳақиқ ва олими муҳаққиқ нахоҳад шуд.

**Имоми Шофеӣ**

Ин замон дар баробари ӯ ҳеҷ кас нест, зеро Абӯҳанифа бо қиёсу далели комил исбот менамояд. Субҳоналлоҳ муҳаққиқи бузурги бемисл аст.

**Имом Молик**

Абӯҳанифа ҳақиқтарини фақеҳони мамлакат аст.

**Имом Ҷаъфари Содиқ**

---

x) Маҳкамов, С. Андар ситоиши Имоми Аъзам [Матн] //Омӯзгор.- 2009.- 14 август.

Имоми Аъзам дар баробари аҳли зӯҳд будан чунон парҳезкор буд, ки дар зери тозиёна низ мансаби қозигиро ба ӯҳда нагирифт.

**Имом Ҳанбал**

Мо дар миёни дасти Абӯҳанифа чун гунҷишкаконе дар дасти боз будем.

**Сафиёни Саврӣ**

Олимеро ботақводор ва зоҳидтару донишмандтар аз Имом Абӯҳанифа (р) сӯроғ надорам.

**Иброҳим ибни Мукарримаи Махзумӣ**

Ба Худо савганд, Имом Абӯҳанифа (р) олимтарини уммат аст, ба он чӣ аз Пайғамбари Акрам (сс) овардааст.

**Имом Ҷареҳ**

Имом Абӯҳанифа (р) чунин шахсияти моҳият ва оқилона дошт, ҷуз дар ҷавоби саволи дигарон сухан намегуфт ва дар он чӣ ки муфиду фоидае набувад, фурӯравӣ намекард ва на ҳам ба суханони беҳуда гӯш фаро медод.

**Фузайл ибни Дақин**

Ҳаводорони омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам (Абу-ҳанифа) метавонанд аз захираи беҳамтои Китобхонаи миллии Тоҷикистон адабиётҳои зеринро даёфт намуда мутоила намоянд.

**Адабиёт**


Раҳмон, Э. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн].- Душанбе: Эр-граф, 2009.- 36 с.

Ҳусайнбар, М. Нури ҳақиқат [Матн]: Зиндагиномаи Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳматуллоҳи алайҳи, тақлид ва масоили перомуни он.- Душанбе: Ирфон, 2009.- 136с.

Мазхаби Имоми Аъзам (Масъалаҳои фиқҳӣ ) [Матн]: Ба муносибати Соли Бузургдошти Имоми Аъзам.- Душанбе: Суннатулло, 2008.- 96 с.

Ҳусейнпур, М. А. Зиндагиномаи Имоми Абӯҳанифа (р) [Матн].- Душанбе, 2009.- 63 с.

Назирӣ , К. А. Равшани намози расуллоҳ (с) [Матн]: Аз дидгоҳи Абӯҳанифа (р).- Душанбе: Эр-граф,2007.- 358 с.

Равшанӣ , Ҳ. Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам [Матн].- Душанбе:Сафват,2008.- 140 с.

Ҳимматзода, М. Ақидаи Имоми Абуҳанифа [Матн].- Душанбе: Мотрудиён, 2008.- 236 с.

Бузургмехр, С.Б. Аҳвол ва осори ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) [Матн].- Душанбе: Мавлавӣ , 2008.- 400 с.

Мирзозода, Ѓ. Ақидаи Ҳанафӣ [Матн]: Ба истиқболи Соли бузургдошти Имоми Аъзам (р).- Душанбе: Паёми ошно,2009.- 58 с.

Волӣ Ҳоҷӣ Эгами Назруллоҳ. Достони Имоми Аъзам [Матн]: Ба истиқболи Соли бузургдошти Имоми Аъзам.- Душанбе: Ирфон, 2008.- 64 с.

Боқизода, А. Пандномаи Имоми Аъзам [Матн]: Ба истиқболи Соли бузургдошти Имоми Аъзам.- Душанбе: Ирфон,2009.- 64 с.

Шаммае аз рӯзгори Абӯҳанифа (р) [Матн]: Ба истиқболи Соли бузургдошти Имоми Аъзам.- Душанбе: Ирфон,2009.- 64 с.

Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ [Матн].- Душанбе, 2009.- 73 с.

Мирзозода, Ѓ. Маърифати Имоми Абӯҳанифа [Матн]: Ба истиқболи Соли бузургдошти Имоми Аъзам.- Душанбе: Паёми ошно, 2009.- 80 с.

Рустамзода, Б. Ақидаҳои фиқҳии Абӯҳанифа Имоми Аъзам [Матн].- Душанбе, 1999.- 42 с.

Таваккулӣ , М. Чаҳор имоми аҳли суннат ва ҷамоат [Матн].-Душанбе, 2002.- 98 с.

Убайдуллоев, Ф. Имоми Аъзам: Зиндагӣ , мазҳаб ва васоё [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2008.- 160 с.

Ҳамроҳ, Р., Наққош, И. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам [Матн].- Душанбе,2008.- 140 с.

Ҳимматзода, М. Зиндагӣ ва сори Имоми Абӯҳанифа (р) [Матн].- Худжанд,2004.- 327 с.

Шомӣ , А. Ҳаҷнома дар мазҳаби Имоми Аъзам (р).- Душанбе: Хаём, 1992.- 32 с.

Азиз, А. Имоми Аъзам [Матн]: Қиёс /Ангораҳои ҳуҷҷатӣ , бадеӣ , илмӣ ва фалсафии таълимотию омӯзишӣ ).- Душанбе: Ирфон,2009.- 64 с.

**Таҳияи Ҷамил Валиев**

**Теги: китобхона**